**Қарори**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 022-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:

Аз 20 нафар аъзои Шӯрои

диссертатсионӣ 14 нафар,

аз рӯйи ихтисос 4 нафар

аз 19 марти соли 2020

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «**Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Муродов М.Б.) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Охунзода Насруддин ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, Гулназарова Ж. Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Охунзода Насруддин – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи **«Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Муродов М.Б.) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Абдуллозода М. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- Саъдуллоев Ҷ. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- Азимов А. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд**: тарафдор 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор **Раҷабов Ҳ.**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Гулназарова Ж.Б.**